**«Тасдиқ мекунам»**
**Директори Донишкадаи политехникии**
**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон**
**ба номи академик М.С.Осимӣ**
**дар шаҳри Хуҷанд**

**_______________Саъдуллозода Ш.С.**
**«_03_» __________10______ 2024с.**

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШКАДАИ ПОЛИТЕХНИКИИ ДОНИШГОҲИ ТЕХНИКИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ М.С.ОСИМӢ ДАР ШАҲРИ ХУҶАНД

Диссертатсияи Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович дар мавзуи «Мукаммалгардонии технологӣ ва воситаҳои техникӣ ҳангоми истифодаи танзимкунандаҳои сабзиш дар токзор» дар назди кафедраи агротехнология ва экологияи саноати Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи ак. М.С.Осимӣ дар ш. Хуҷанд, Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ дар вилояти Суғд ва хоҷагии деҳқонии “Холиқов С." иҷро карда шудаст.

Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович зимни таҳияи рисолаи номзадиаш ба ҳайси ассистенти кафедраи агротехнология ва экологияи саноати Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ фаъолият бурда аст.

Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович соли 2015 Донишкадаи политехникии Донишгохи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷандро бо ихтисоси 74.02.06 – Истеҳсол, нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти растанипарварӣ, зинаи магистратураро солҳои 2015-2017 бо ихтисоси 74.02.06 – Истеҳсол, нигохдорӣ ва коркарди маҳсулоти растанипарварӣ бо муваффақ хатм кардааст.

Соли 2017 ба зинаи докторантураи (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D080600 – техникаи аграрӣ ва технологияи (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ) ДПДТТ ба номи ак. М.С.Осимӣ дар ш. Хуҷанд дохил шуда, соли 2020 онро бо (фармон № 065-ХД аз 22.05.2020) муваффақият хатм намуд. Дар давоми таҳияи диссертасия Масаидов Ҷ.Ғ. ҳамонзамон ба ҳайси ассисенти кафедраи агротехнология ва экологияи саноат фаъолият бурдааст.

**Роҳбари илмӣ:** Рашидов Наим Ҷалолович – д.и.к., дотсент, мудири кафедраи агротехнология ва экологияи саноати Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд.

**Мушовири илмӣ:** Баҳодуров Шукрулло Бурҳонович – д.и.т., ходими калони илмӣ, мудири шуъбаи механизатсияи Филиали Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ дар вилояти Суғд.

**Аз рӯи натиҷаҳои муҳокимаи кори илмӣ ба чунин хулоса омад:**

**Мубрамияти мавзӯи тадқиқот**. Мавзӯи кори илмии Масаидов Ҷ.Ғ. хеле муҳим ба шумор рафта, дар доираи он усулҳои такмилдиҳии дорупошак ҳангоми истифодаи танзимкунандагони сабзиш коркард ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда аст, ки натиҷаҳои тадқиқоти илмии мазкур дар диссертатсия пешниҳод карда мешавад.

Дар паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон омадааст, ки таъминоти аҳолӣ бо озуқаворӣ яке аз ҳадафҳои калидии роҳбарияти давлат буда, барои кишоварзон иҷрои амалии он ҳатмӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, иҷрои ин вазифаи муқаддас дар амал бевосита ба дараҷаи рушди тамоми соҳаи ангурпарварӣ вобастагии зич дорад. Дар навбати худ баланд бардоштани самаранокии соҳаи ангурпарварӣ дар шароити имрӯза зарур ба ҳисоб меравад, зеро ҳосилнокии ин соҳа нисбатан паст буда, масоҳати токзорҳои Тоҷикистон тибки маълумоти омории Вазорати кишоварзӣ барои соли 2023 наздики 38000 гектарро ташкил медиҳад. Солона ба ҳисоби миёна 500000 тонна ҳосили ангур ғундошта мешавад, ки ба ҳар як гектар 13 тонна ангур рост меояд. Дар вилояти Суғд бошад, тибқи иттилои Сарраёсати кишоварзии вилоят дар айни замон 9723 гектар токзор мавҷуд аст, масоҳати токзорҳо дар шароити имрӯза торафт зиёд шуда истодааст,ки он коркарди нави технологияи парвариш бо истифодаи техника ва таҷҳизотҳои муосирро талаб менамояд.

Дар даҳсолаи охир ба туфайли пешрафти химияи органикӣ ва биологӣ, микробиология ва физиологияи растанӣ дар таҷрибаи ангурпарварӣ усули пурсамараи истифодаи танзимкунандаи сабзиш (ТС) мавқеи устувор пайдо кардааст. Он қодир аст, ки пухтарасиро тезонида, ҳосили зироатҳои хоҷагии қишлоқро зиёд намояд, раванди хароҷоти захираи энергетикиро фаъол ё суст карда, устувории растаниро ба омилҳои гуногуни номусоид баланд бардорад, алхусус дар шароити тағйирёбии иқлими кунунӣ, ки ин ҳам аз ҷанбаи илмӣ ва ҳам истеҳсолот ниҳоят мубраму муҳим арзёбӣ мешавад.

Бо мақсади фароҳам овардани шароити сабзиши буттаҳои ток дар вақти пошдиҳии ТС дар токзор, онҳо бояд хушсифат бошанд ва низоми хӯшаҳои гули ангур дар девораи ҳавозаю сими он пурра кушода ҷойгир гардад ва имконияти боз ҳам босифат шудани он гардад. Аз тарафи дигар, буттаҳои ток дар мӯҳлати кӯтоҳи агротехникӣ коркард карда шаванд, даръакси ҳол ин ба пастшавии ҳосили ангури ток оварда мерасонад. Таҷрибаҳо ва таҳқиқот нишон доданд, ки технологияи пошдиҳии токзорҳо бо дорупошакҳои мавҷудбуда бениҳоят нуқсонҳои зиёд доранд, аз ҷумла:

- сифати коркарди хӯшаҳои ангур хеле паст аст;
- сарфи маҳлулҳои ТС хеле зиёд аст;
- қувваи кории хеле зиёд талаб мешавад;
- самаранокии кор бинобар дар мӯҳлати кӯтоҳи агротехникӣ иҷро нагардидан хеле паст мебошад.

Ҳамин тариқ, нуқсонҳои дар боло зикршуда боиси ба дараҷаи паст коркард шудани буттаҳои ток мегарданд, ки ин дар навбати худ ба ҳосилнокии ток таъсири манфӣ мерасонад.

Маҳсулнокии сохтори дорупошакҳои мавҷудбуда ва технологияи пошдиҳии он бениҳоят паст буда, ба зиёдшавии хароҷоти маҳлулҳои обии ТС

мерасонад. Ба ғайр аз ин, истифодабарии насосҳои дастӣ қувваи зиёди кориро талаб менамояд, ки ин дар навбати худ хароҷоти пулию молиро зиёд менамояд. Бинобар он, бо назардошти гуфтаҳои боло бояд чунин сохт ва конструксияи таҷҳизоти дорупошакро пешниҳод намуд, ки норасоиҳои зикршударо соқит намояд, яъне хушсифат пошидани маҳлули обии ТС, хароҷоти ками маҳлул ва маҳсулнокии баланди пошдиҳиро таъмин намояд. Ҳамин тавр, зарурияти коркарди таҷҳизоти таҷрибавӣ барои дорупошак бо мақсади пошидани маҳлулҳои ТС ба миён омад, ки сохти мувофиқ ва нархи арзон дошта, пошдиҳии маҳлулро мувофиқи талаботи агротехникии буттаи ток иҷро намояд.

Аз тарафи дигар, омӯзишу истифодабарии дорупошакҳои мавҷудбудаи тамғаҳои ОВТ-1В, ОВС-1 ва ғ. нишон дод, ки онҳо ба талаботҳои асосии агротехникӣ ҷавобгӯ нестанд. Масалан: сохт ва таркиби дорупошакҳои мавҷуда барои пошидани маҳлулҳои обии ТС мувофиқ нестанд, ин боиси он мегардад, ки то 50%-и маҳлул исроф гардад. Истифодабарии насосҳои дастӣ имконият намедиҳад, ки дар мӯҳлати кӯтоҳи агротехникӣ (5-6 рӯз) пошдиҳии маҳлул амалӣ гардад. Бар замми ин, истифодаи насосҳои дастӣ қувваи зиёди кориро талаб менамояд. Ин омилҳо имконияти истифодабарии ин дорупошакҳоро дар шароити токзорҳои ҷумҳуриявӣ маҳдуд мегардонад.

Бинобар он такмил ва тағйирот даровардан ба сохти онҳо мувофиқи шароити токзорҳои ҷумҳуриамон яке аз масъалаҳои мубраму ҳалталаби соҳа ба ҳисоб меравад.

Аз ин лиҳоз, таҳия кардани меъёр ва реҷаи корӣ, сохтори таҷҳизот барои дорупошак, мукаммалгардонии низоми ҷойгиркунии пошакҳо, масофаи байни насби онҳо ва интихоби технологияи пошдиҳии маҳлулҳои обии ТС, яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб рафта, барои гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотии мо тақозо бахшид.

**Мақсади таҳқиқот.** Мукаммалгардонии сохтори таҷҳизот ба дорупошак ва технологияи пошдиҳии ТС, баҳри хуб намудани сифати коркард бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва сифати ангур.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

- мукаммалгардонии таҷҳизот ба дорупошак барои пошдиҳии маҳлулҳои обии ТС ба буттаи ток;
- муайян намуди сохт ва андозаҳои геометрию кинематикӣ барои пошдиҳии ТС;
- аз ҷиҳати назариявӣ муайян намудани андозаҳои пошдиҳии ТС, нишондиҳандаҳои сифатии кор ва иҷроиши он;
- натиҷаҳои озмоишҳои саҳроии таҷҳизоти таҷрибавӣ барои пошдиҳӣ бо маҳлулҳои обии ТС;
- баҳодиҳӣ ба самаранокии иқтисодӣ аз истифодабарии таҷҳизоти таҷрибавӣ ва таҷҳизоти анъанавӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Таҷҳизот ба дорупошаки мавҷудбудаи тамғаи ОВТ-1В ҳангоми коркард бо маҳлули обии ТС.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Бори аввал конструксияи таҷҳизоти дорупошӣ барои соҳаи токпарварӣ сохта шуда, параметрҳои геометрӣ ва кинематикии он муайян карда шуд.

Ҳангоми пошидани моеъҳои обӣ тавассути технологияи амсиласозии математикӣ (муодилаҳои суръати ҳаракати сели моеъ ва роҳ) ҳисоб карда шуд. Аз ҷиҳати назариявӣ сарфи маҳлули корӣ, шумораи пошакҳо ва масоҳати пошиши онҳо вобаста аз андозаҳои кинематикӣ ва реҷаи кори таҷҳизот аниқ карда шуд.

Бори аввал таъсири танзимкунандаҳои сабзиш ва равандҳои техникӣ-технологӣ ба нишондиҳандаҳои агробиологии ангур ва самаранокии он муайян карда шуд.

Таҷҳизот ба дорупошаки мукаммалкардашуда имконият дод, ки хароҷоти маҳлули моеъро ба 2,0-2,5 маротиба сарфа намуда, сифати коркарди хӯшаҳои ангурро баланд гардонд. Ин нишондиҳандаҳо ба шарофати интихоби шумораи пошакҳо ба миқдори 4 дона, гузориши мутаносиби масофаи пошак то девораи амудии (амудӣ), ки 50 см-ро ташкил медиҳад ва суръати ҳаракати агрегати дорупошак аз 4,5 то 5,5 км/соат ба даст оварда шудааст.

Тасдиқи навгонии илмӣ бо нахустпатентҳо, ки дар токзорҳои баландтана гузаронида шуд аз Муассисаи давлатии Маркази миллии патентию иттилоотии ҶТ, ки мувофиқи навгонии он аз санаи 08.10.2020 с. таҳти № TJ 1111 дар мавзуи “Тарзи ҷуфттартибдиҳии буттаҳои токи ангур” ва доир ба сохтор “Таҷҳизоти дорупошӣ барои коркарди буттаҳои ангур бо маҳлули обӣ” ба даст оварда шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот.** Амсилаи математикии сохти таҷҳизот ба дорупошак бо вобастагиҳои реҷаи корӣ оварда шудааст. Ба ғайр аз ин вобастагии таҳлилии ҳаракати маҳлули обии ТС дар равиш то девораҳои коркардшаванда оварда шудааст, ки мувофиқи он қисми зиёди маҳлул пурра девораи амудиро рӯпӯш менамояд ва фоизи ҳосилнокиро баланд мекунад.

Бартариҳои таҷҳизот ба дорупошаки таҷрибавӣ нисбат аз насоси дастии мавҷудбуда инҳоянд: маҳсулнокии хеле баланд дорад, ки дар мӯҳлати кӯтоҳи агротехникии 5 - 6 рӯз тамоми майдони аз 50 га то 300 га -ро коркард менамояд, ки ин самаранокиро то 6-10% баланд мекунад. Хароҷоти маҳлули обиро то 2,5-3,0 маротиба ва хароҷоти ТС-ро то 30 % кам мекунад. Чунин бартариҳо имконият медиҳанд, ки коркарди хушсифати хӯшаи гули ангур, барои баландшавии ҳосилнокии навъҳои ангури бедона ба монанди Кишмиши сиёҳ то 10,8 % зиёд мусоидат кунад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот.** Тамоми натиҷаҳои назариявию амалии диссертасия тибқи қонунияти вобастагӣ ба ҳамдигар мувофиқат мекунанд, ки ин далели эътимоднокии диссертасия мебошад. Ба ғайр аз ин коркарди омориву математикии он нишон дод, ки хатогии он нисбат ба нишондиҳандаҳои меъёрӣ дар доираи талабот аст. Дар натиҷаи амсиласозии равандҳои технологии коркарди токзор бо таҷҳизоти таҷрибавӣ муодилаҳои математикӣ тахия шуданд, ки қонунияти коркарди қатори токзорро инъикос менамоянд.

**Интишорот.** Дар асоси натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ 17 номгӯйи таълифоти илмӣ аз рӯи мавзӯи диссертатсионӣ, ки аз онҳо 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА ҶТ тавсияшаванда, 1 мақолаи илмӣ дар маҷаллаи байналмилалии тақризшавандаи СКОПУС, 9 мақола дар конфронсҳои байналмиллалию ҷумҳуриявӣ, 2 нахустпатент ва 2 санади ҷорикунӣ дар

истеҳсолот мебошад.

**Таркиб ва ҳаҷми диссертатсия.** Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, 5 боб, хулоса ва феҳрасти адабиёт иборат аст. Мавод дар ҳаҷми 172 саҳифаи чопӣ мураттаб гардида, 20 ҷадвал ва 36 расмро дарбар мегирад. Феҳрасти адабиёт аз 153 номгӯй иборат аст.

Диссертатсия ба шиносномаи 6D080600 – Техника ва технологияи аграрӣ (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ) аз рӯи бандҳои зерин мувофикат мекунад: таҳкикот дар самти конуниятҳои механиконии равандҳои технологӣ ва амалиётҳо, инчунин масъалаҳои тарҳрезӣ, кор карда баромадан ва истифодабарии воситаҳои механиконӣ дар соҳаи кишоварзӣ. Ҳалли масъалаҳои илмию техникии ин ихтисос ба иҷрои босифати раванди технологӣ, баланд бардоштани маҳсулнокии воситаҳои техникӣ, беҳтарнамоии шароити меҳнат, коҳиш додани сарфи энергетикӣ ва захираи материалҳо ба як воҳиди маҳсулот, баланд намудани сифати он, кам намудани сарф ва муҳофизати муҳити зист, коркарда баромадани технологияҳо, таъмини баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат, эътимоднокии техникаи кишоварзӣ равона карда шудааст, аз тарафи муаллиф иҷро шудааст.

Хулосаи кори диссертасонӣ ва маколаҳои илмие, ки дар мавзӯи диссертасия нашр шудаанд, мувофиқи тахассуси илмии довталабро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D080600 – техникаи аграрӣ ва технологияи (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ) ва соҳаи илмии онро аз рӯи бандҳои зерин тасдиқ мекунад:

- Коркарда баромадани усулҳои баҳодиҳии сифат, асосноккунии сатҳи технологӣ ва самаранокии равандҳои истеҳсолӣ, истифодабарии агрегатҳо, таҷҳизотҳо, хатҳои пайдарҳамӣ, маводҳои молиданӣ-сузишворӣ ва моеъҳои техникӣ дар кишоварзӣ.
- Таҳқиқот аз рӯйи асосноккунии инфрасохтории истеҳсолию технологии муасиссаҳои хизматрасонӣ ва муносибкунонии (оптимизатсия) ҳайати сохтори воситаҳои техникӣ, ки дар соҳаи кишоварзӣ истифода бурда мешавад.
- Коркарда баромадани талаботҳои истифодабарию технологӣ нисбат ба техникаи нав ва таъмиршуда бо дар назардошти ба даст овардани рушди илму техника.
- Такмилдиҳии усулҳо, ташкилнамоии технологияҳо ва воситаҳои хизматрасонии техникӣ, таъмири мошинҳои кишоварзию таҷҳизотҳо.

**Хулоса:** Корҳои нашршуда таркиби диссертатсияро инъикос мекунад. Аз рӯи мазмун ва мундариҷаи илмӣ, услуби навиштаи диссертатсия ва автореферати муаллиф мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисми “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ” ба табъ расонида шудааст. Аз ин лиҳоз, кори диссертатсионии Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович дар мавзуи «Мукаммалгардонии технологӣ ва воситаҳои техникӣ ҳангоми истифодаи танзимкунандаҳои сабзиш дар токзор» натиҷаи тадқиқоти илмии анҷомёфта буда барои ҳимоя тавсия дода мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои агротехнология ва экологияи саноат, технологияи маҳсулоти хӯрока, автомобил ва идоракунӣ дар наклиёти Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд бо иштироки даъватшудагон аз кафедраи маркетинг – агробизнеси ДДҲБСТ, Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ дар вилояти Суғд, қабул карда шуд.

Иштирок доштанд 28 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “розӣ” – 28, “зид” – нест, “бетараф” – нест. Суратҷаласаи №1 аз 20.09.2024с.

**Мудири шуъбаи илм ва инноватсия** **н.и.т.Раҳимова Ҳ.О.**

**Котибаи ҷаласа** **Усмонова М.Я.**

**Эксперти мустақил** **д.и.т., дотсент Ғаниев И.Ғ.**

Имзоҳои Раҳимова Ҳ.О., Усмонова М.Я ва Ғаниев И.Ғ-ро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо
Юсупова М.М

ДОНИШКАДАИ ПОЛИТЕХНИКИИ ДОНИШГОҲИ ТЕХНИКИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АКАДЕМИК М.С.ОСИМӢ ДАР ШАҲРИ ХУҶАНД
ХУҶАНД
ШӮЪБАИ КАДРҲО